# БАРГУЗОРИИ СЕМИНАРИ ОМӮЗИШӢ ОИД БА РИОЯИ МЕЪЁРҲОИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ДАР НОҲИЯИ СИНОИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Опубликовано 2 июня, 2025 - 13:50 пользователем Ҳайати тадорукот
[1]

Имрӯз, дар шуъбаи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе семинар- машварате баргузор гардид, ки ба масоили риояи меъёрҳои забони давлатӣ, номгузории миллӣ ва дурустии имлои забони ноби тоҷикӣ бахшида шуда буд.

Ин тадбири омӯзишӣ, бо ташаббуси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардида, дар он кормандони муассисаҳои маорифи ноҳия ва дигар шахсони масъул иштирок доштанд.

Дар оғози намоиш, намояндагони Кумитаи мазкур, доир ба нақши забони давлатӣ дар рушди ҷомеа ва таҳкими худшиносии миллӣ суханронӣ карданд.

Қайд гардид, ки забони давлатӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ буда, ҳифз ва рушди он вазифаи ҳар як шаҳрванд ва сохторҳои дахлдор мебошад. Ҳамзамон, иҷрои қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳамчун санади танзимкунанда мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт.

Инчунин, намояндаи Кумита таъкид дошт, ки номҳои маҳаллаҳо, кӯчаҳо, хиёбонҳо, муассисаву корхонаҳо ва ҳатто номҳои шахсӣ бояд мутобиқ ба анъана ва фарҳанги миллии тоҷикон интихоб гардида, дар номгузорӣ истифодаи номҳои ғайримиллӣ ва бегона, ки ба ҳувияти миллӣ созгор нестанд, бояд пешгирӣ карда шаванд.

Аз ҷумла, дар санадҳои расмӣ, эълону реклама ва маводҳои чопӣ бояд риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмӣ бошад.

Дар фарҷоми семинар, ба муассисаҳои таълимӣ тавсия дода шуд, ки дар фаъолияти кории худ риояи қатъии меъёрҳои забони давлатиро таъмин намуда, барои омӯзиши амиқи қоидаҳои имло ва истилоҳоти давлатӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

**Рейтинг контента:** Select rating
Еще нет оценки

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

- 

- 

- 

**Источник::**http://www.kumitaizabon.tj/ru/node/7144?mini=2025-09

**Ссылки**
[1] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/502620342_122158244432462396_2891763700038690379_n.jpg [2] http://www.kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/10 [3] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/502585500_122158244504462396_5602205891458718896_n.jpg [4] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/502620342_122158244432462396_2891763700038690379_n.jpg [5] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/502626292_122158244558462396_7771584520999603477_n.jpg [6] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/502830783_122158244594462396_406401498958293521_n.jpg [7] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/502939365_122158244390462396_2868475953093736412_n.jpg